"Тасдиқ мекунам"
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.
"____" ______10______ соли 2018

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни донишгоҳии донишҷӯёни ДДМИТ таҳти унвони «Мақолаи беҳтарин» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кушодашавии агрегати 1-уми НОБ-и Роғун

### 1. Муқаррароти умумӣ

Мутобиқи нишондодҳои оморӣ қисмати зиёди ҷомеаи Тоҷикистонро насли ҷавону наврас ташкил медиҳад, ки теъдоди муайяни онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ДДМИТ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҷалби неруи насли наврасу ҷавон ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ, тақвияти таъмини ширкати фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, ҷалби ин табақаи неруманди ҷомеа барои устувории рукнҳои давлатдории навин, ҳимояи марзу буми Ватан ва мутобиқат ба ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳон ва барои эмин нигоҳ доштани давлату миллат аз тазоду таҳдидҳои замони муосир мусоидат менамояд.

Ҳукумати кишвар бо мақсади ҳалли масоили ҷавонон ва насли наврас аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз ҳамаи чорабиниҳои заруриро амалӣ карда истодааст. Зеро ҷавонони солим ва соҳибкасбу ихтисосманд давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

Дастгириву ҳавасмандсозӣ ва ғамхорӣ нисбати насли ояндасози миллат дар меҳвари асосии сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷавобан ба ин ғамхориҳо ҷавонон низ бо илму дониш, азму иродаи қавӣ дар рушду инкишофи ҷомеаи мутамаддини Тоҷикистон ҳиссагузор ҳастанд.

Дар ин замина, Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки озмуни умумидонишгоҳиро миёни донишҷӯён таҳти унвони «Мақолаи беҳтарин» бахшида ба **Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кушодашавии агрегати 1-уми НОБ-и Роғун** эълон ва ҷамъбаст намояд.

Бо мақсади самаранок баргузор намудани озмун Комиссияи он аз тарафи роҳбарияти донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

## 2. Мақсади озмун

**2.1** Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯён ва магистрантон, муайян намудани донишҷӯи беҳтарин дар самти илмомӯзӣ, фарҳангдӯстӣ, хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.

**2.2** Ғанӣ гардонидани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии донишҷӯён.

**2.3** Таҳким бахшидани тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён.

**2.4** Дарёфти донишҷӯи беҳтарин, лаёқатманд, соҳибмаърифат ва ташаббускор.

## 3. Пешниҳоди мақолаҳо барои иштирок дар озмун

Мақолаҳо аз тарафи донишҷӯёни курсҳои 1 то 4 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон то санаи 13 –уми ноябри соли 2018 ба Раёсати илм ва инноватсия дар мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

**3.1** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдгузори сиёсати давлатии ҷавонон;

**3.2** Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот ва амният дар кишвар ва минтақа;

**3.3** НБО-и «Роғун» иншооти аср ва кохи нур;

**3.4** Ҷанбаҳои иқтисодӣ, молиявӣ, экологӣ ва бадеии НБО-и «Роғун»;

**3.5.** Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар ҷаҳон.

## 4. Шартҳои озмун

**4.1** Дар озмун донишҷӯён ва магистрантони курсҳои 1,2,3 ва 4 ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

**4.2** Номзадии иштирокчии даври ниҳоии озмуни мазкур аз тарафи садорати факултетҳо пешниҳод карда мешавад.

**4.3** Озмун дар ду давр баргузор мегардад. Даври аввал дар сатҳи садорати факултетҳо ва даври ниҳоӣ дар сатҳи донишгоҳ.

**4.4** Дархостҳо барои иштирок дар даври ниҳоии озмун то санаи 10-уми ноябр қабул карда мешаванд.

**4.5** Тартиби баргузории даври аввал чунин муайян карда мешавад:

- худмуаррифии иштирокчӣ (бо истифодаи усулҳои нави техникии замонавӣ - слайд презентатсияҳо);
- навиштани мақола, шеър (бо забони давлатӣ - тоҷикӣ) вобаста ба мавзӯи муайяншуда.

**4.6** Даври дуюм (ниҳоӣ) низ аз рӯи тартиби даври аввал сурат мегирад.

**4.7** Ғолибони озмун тариқи овоздиҳии кушод бо баёни фикр аз тарафи аъзоёни ҳакамон муайян карда мешавад.

**4.8** Донишҷӯёне, ки дар озмун ғолиб дониста мешаванд, бо Ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравии омоданамудаи Раёсати ДДМИТ вобаста ба ҷойҳои ишғолкардаашон сарфароз гардонида мешаванд.

**5. Комиссияи озмун**

**5.1** Баррасӣ, баҳогузорӣ ва муайян намудани ғолибони озмун аз ҷониби ҳайати Комиссия анҷом дода мешавад.

**5.2** Комиссия кори худро ба таври ошкоро ва равшан ба роҳ монда, ба ҳар як иштирокчӣ боадолатона баҳогузорӣ менамояд.

**5.3** Баҳогузорӣ тибқи тартиби муқаррааргардида аз 1 то 5 хол муайян карда мешавад.

**5.4** Ҳайати комиссия иборат аз 7 нафар: раис, аъзо ва котиби масъул муқаррар карда мешавад.

**5.5** Котиби масъули Комиссия ҳуҷҷатҳои номзадҳоро қабул мекунад, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро тафтиш ва назорат менамояд.

**5.6** Шартҳои озмун ва натиҷаи кори он дар рӯзномаи «Молия ва иқтисод» ва сомонаи интернетии донишгоҳ: http://tgfeu.tj/ интишор мегарданд.